# Насиҳат диҳандай хомуш

# ҚАБР

﴿ عذاب القبر ﴾

[ Тоҷики – Tajiki – طاجيكية ]

Абдуссатори Ҳомид

2009 - 1430

islamhouse.com

# ﴿ عذاب القبر ﴾

« باللغة الطاجيكية »

عبد الستار حميد

2009 - 1430

islamhouse.com

Насиҳат диҳандай хомуш

# ҚАБР

Қабр хонай танҳои, сарой тарсу дилтанги, зодгоҳ ва мавтини торике аст, мулозими он дар бехоби, ва сокини он дар хомуши, ёр ва ҳамдами вай, нола ва фарёд, хонай мурдагон, ҷой ҳасрат ва афсус ва ғусса аст.

Паёмбар -Дуову дуруд бар У бод- дар бораaш фармуда аст:

«إنَّ القبر أول منازل الآخرة فإن نجى منه فما بعده أيسرمنه، وإن لم ينج منه فما بعده أشد منه». الترمذى

"Қабр аввалин манзил аз манозили охират аст,пас агар фард аз он наҷот ёфт, баъд аз он дунболай он осонтар аст, ва агар аз он растакор нашуд баъд аз он сахтар аст."

Боз Паёмбар -Дуову дуруд бар У бод- дар борай он фармуда аст:

«ما رأيت منظراً قط إلاَّ والقبر أفظع منه».صحيح الترغيب والترهيب

"Ҳаргиз манзили ваҳшатноке надидам магар ин ки қабр аз онҳам ваҳшатноктар аст".

Қабр хонае аст, ки баъд аз чанд лаҳза ё баъд аз чанд соат ё баъд аз чанд сол батарафи он сафар хоҳи кард. Ва мусалмон шаке дар борай ин сафар надорад.

Қабр манзалае аст ки бо он дилҳо нарм, ва чашмҳо гирён мешавад, инсонро нисбат ба дунё бе алоқаманд ва ба охират алоқаманд ва тарғиб менамояд. Қабр бо бесадой зиндагонро панд медиҳад то ояндаро ба ёд биёранд ва барой охират ва рузи моъод омодаги бигиранд.

Паёмбар -Дуову дуруд бар У бод- фармуда аст :

«كنت نهيتكم عن زيارة القبور فزوروها فإنها تذكر الآخرة»

"Шуморо аз зиёрати қабрҳо манъ карда будам, аз ин баъд онҳоро зиёрат кунед чун зиёрати қабрҳо шуморо ба рузи охират ёдовар месозанд".

Дар онҷо қабр мепурсад куҷост сарват ва зебой ва сомон? Тандурусти ва неруй куҷост? Куҷост тавоной ва қудрат? Оре қатъан қабр ҷисмҳой нозук ва тавонгареро ки ҳамвора дар неъмат буданд ва буй атр аз онҳо бар мехост мефишорад ва чи коре бо онҳо мекунад?!

Дар дохили қабр чеҳраҳой фиребанда, дастҳой ситамкора, забонҳой дуруғгу, чашмҳой хоин, ва дилҳой сиёҳ,ба устухонҳой пусида табдил мешаванд. Ва ба ҷуз аъмолеки соҳиби қабр пеш аз худ фиристода чизе боқи намемонад.

Танҳо корҳой неки инсон ки дар дунё дошт дар қабр ба доди у мерасад.

Азоби Қабр, Паёмбар -Дуову дуруд бар У бод- ҳеч намозе аз намозҳоро намехонд магар инки дар он аз азоби қабр ба Худованд паноҳ мебурд,ва мефармояд:

«إذا فرغ أحدكم من التشهد الأخير فليتعوذ بالله من أربع: من عذاب جهنم، ومن عذاب القبر، ومن فتنة المحيا والممات، ومن فتنة المسيح الرجال». ابن ماجه

"Ҳаргоҳ дар намоз ба охири ташаҳуди дувум расидед (қабл аз салом кардан) аз чаҳор чиз ба Худо паноҳ баред:1 аз азоби дузахт, 2 аз азоби қабр, 3 аз фитнай зинда шудан ва мурдан, 4 ва аз фитнай Дачол".

Паёмбар -Дуову дуруд бар У бод- ба асҳоб ва ёронаш мефармуд :

«استعيذوا بالله من عذاب القبر فإنَّ عذاب القبر حق».أحمد

"Аз азоби қабр ба Худо паноҳ баред, ҳамоно азоби қабр ҳақ аст".

Паёмбар -Дуову дуруд бар У бод- мефармояд :

«إنَّ هذه القبور مملوءة ظلمة على أهلها وإنَّ الله عز وجل ينورها لهم بصلاتي عليهم». مسلم

"Ҳамоно ин қабристонҳо ба сокинонаш торик аст. Худованд ба василай дуои ман барояшон онро равшан ва нурони мегардонад".

Бародар ва Хаҳарони азиз!Қабр ҳамон панд диҳандай хомуш аст, пандҳой онро шуниди,пас чи чизе барояш таёр намудаи? Оё кирдори нек ва амали солиҳеки туро аз азоб ва сахтии он наҷот медиҳад омода намудаи? ё инки бе хабари аз ин ки рузе ба онҷо мерави? Бародар ва Хоҳари азиз беҳтар аст ки худро ба он руз омода куни,тушае барой онруз дошта боши, ту метавони корҳой нек анҷом диҳи, ва нек боши, боқи мондай умри худро ғанимат бишумор, ин зиндаги фурсате аст барой наҷот дар онҷо,бархез ва камари ҳиммат бибанд ва тасмим бигир ки баъд аз ин руз неки куни ва нек боши, қабл аз инки ба ҳангоми марг пушаймон ва шарманда шави ки фойдае надорад.